Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Дар диссертатсия ва автореферат омӯзиши амиқи навъҳои умедбахши лӯбиё, тавассути арзёбии аломатҳо, давомнокии мавсимӣ кишт, ҳосилнокии тухмиҳои гуногуни лӯбиё оварда шудааст. Барои самаранок ба роҳ мондани истеҳсоли зироати баландсифати лӯбиё, ки даромаднокии ҳадди аксар дорад, ба ҳар як ҳолати мушахаси экологӣ ва ҷуғрофӣ ва ба ҳар як намуди мушахаси шаклҳо ва навъҳои лӯбиё, усулҳои агротехникии парвариши онҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, ин масъала дер боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намуда буд.

Таъмини аҳолии мамлакат ба маводи хӯрока яке аз масъалаҳои асосӣ дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, мутахассисонро водор месозад, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои зиёд намудани истеҳсолӣ ғаладонагиҳо ва махсусан лӯбиё дар ҷумҳурӣ чораандешӣ намоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб технологияҳои парвариши лӯбиё бо қадри кофӣ омӯхта нашуда, кишти зироатҳои лӯбиёгӣ ночиз мебошанд ва асосан он танҳо дар заминҳои наздиҳавлигӣ ва дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ парвариш карда мешаванд, ҳол, он ки дар ҷаҳон майдони кишти ин зироат ҳамасола афзоиш меёбад.

Дар натиҷаи тадқиқоти ба даст оварда шуда муаллиф муайян кардааст, ки барои гирифтани ҳосили баланди дон ва анбуҳи сабзи лӯбиё истифодаи нуриҳои минералӣ бо меъёрҳои $N_{30}P_{60}K_{60}$ кг/га дар шароити заминҳои обии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ самараи хуб медиҳад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Бинобар ин, васеъ кардани майдонҳои кишти навъҳои ояндадори лӯбиё ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулоти онҳо барои минтақаи Кӯлоб ва умуман тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят муҳим аст. Аз ин рӯ, мушкилоти васеъ намудани майдонҳои кишти ин зироати стратегии зарурии дорои сафедаи баланди растанипарварӣ, ки самараи иқтисодӣ ва биоэнергетикӣ дорад самти ниҳоят ояндадор ва муҳим мебошад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-

амалӣ ва методию таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои Саидзода Рамазон Абдураҳим дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф ҷиҳати санҷиши истеҳсролии навъҳои гуногуни лубиё дар кишти асосӣ вобаста ба мӯҳлати кишт, зичии ниҳолҳо ва меъёри истифодаи нуриҳои маъданӣ муайян намудааст, ки аз 9 навъи омӯхташудаи лӯбиё барои истеҳсоли дон навъҳои «Скороспелка», «Юбка», «Сахарний» ва «Лопатка» бартарии бештар доранд.

Таҳқиқоти гузаронидаи Саидзода Р.А. кори дар сатҳи баланд ба анҷом расонида буда дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ ва назариявӣ мебошад ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ҷавобгӯ буда, довталаби он Саидзода Рамазон Абдураҳим сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими
илмии шӯъбаи технологияи инноватсионии
ниҳолпарварӣ, Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавотпарварии Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон, Ҳ.Н. Назиров

Имзои Назиров Ҳ.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳои Институти боғу токпарварӣ ва
сабзавотпарварии Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон М.Н. Музафарова

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 21[а].
Тел.: (992) 907-418-823.
E-mail: hnazirov@mail.ru

03.09.2026с.